# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Муродов Парвиз Худойдодович дар мавзӯи **"Хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии хавзаи дарёи Варзоб"**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси **25.00.27-Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.**

Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде бузург арзёбӣ гардад ҳам, таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таъминоти устувор ва боэътимоди об барои ҳама соҳаҳои иқтисодиёт, ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ ва омилҳои дигар мушкилотҳои муайяне вуҷуд доранд. Зеро, алҳол истифодаи ғайрисамараноки истифодаи об ба масрафи зиёда аз меъёри он мусоидат кардааст, ки мушкилоти таъмини захираҳои обро дар минтақаҳои кишвар ба вуҷуд оварда метавонад. Ҳалли ин масаъалаҳо дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа мавриди таҳқику омӯзиши васеъ фаро нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи Муродов П.Х. ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои гидрохимиявии захираҳои обии ҳавзаи алоҳида хеле муҳим ва саривақти арзёбӣ мегардад. Хусусан таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои гидрохимиявӣ, мушкилотҳои ноҳиябандии низоми обтаъминкунӣ, қонуниятҳои тағйирёбӣ ва тақсимоти фазоии маҷрӯи ҳавза ва масъалаҳои дигари таҳқиқотӣ сатҳи баланди илмии диссертатсияи омодашударо ташкил менамояд.

Муайян намудани омилҳои ташаккулёбӣ ва тағйирёбии фазой-замонии маҷрои дарё натиҷаи муҳими тадқиқотӣ аст, ки барои идоракунии босамари захираҳоаҳои обӣ бо мақсади обтаъминкунӣ зарур мебошад. Аниқ кардани қонуниятҳои тағйирёбӣ ва тақсимоти фазоии маҷрои ҳавзаи дарёи Варзоб дар асоси маълумотҳои бисёрсолаи оморӣ эътимоднокии хулосаҳои баёнгардидаро тасдиқ менаоянд ва ҳангоми баҳодиҳии тағйиротҳои эҳтимолии иқлими ҳавза мавкеъи муҳимро дорост. Муаллиф дар кори илмӣ баҳодиҳии самаранокии иқтисодии истифодаи ҳавзаи дарёи Варзобро бо мақсади обтаъминкунии шаҳри

Душанбе таҳқиқ намудааст, ки аҳамияти илмӣ-амалии диссертатсияро нишон медиҳад.

Мебояд қайд кард, ки новобаста аз сатҳи хуби илмии натиҷаҳои тадқиқоти пешниҳодшуда муаллифи диссертатсияро мебоист таъминоти хусусияти масрафи обро дар муқоиса бо ҷараёнҳои дарёҳои дигари минтақа муайян намояд. Вале, муаллиф ин ҷараёнро ҳамчун натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои оморрӣ пешниҳод намудааст, ки воқеъияти ҳолро инъикос карда наметавонад. Инчунин, муаллифи диссертатсияро мебоист, ки натиҷаҳои тадқиқотро дар барномаҳои фаъолияти корхонаи обтаъминкунӣ ҷорӣ намояд, ки боиси баландравии самаранокӣ ва аҳамияти тадқиқоти мазкур мегардид.

Умуман, кори диссертатсионии Муродов Парвиз Худойдодович новобаста аз эродҳои қайдгардида дар сатҳи хуби илмӣ омода шуда натиҷаи воқеъии тадқиқотро инъикос менамояд ва ҷавобгӯи талаботҳои мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси **25.00.27-Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия** мебошад.

Дотсенти кафедраи экология ва
ҳифзи табиати МДТ "Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Б. Ғафуров", номзади илмҳои кишоварзӣ Собиров М.С.

Имзои дотсент Собиров М.С.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" Наврӯзов Э.Н.

14-ноябри соли 2022.